*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди*
*Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон*
*(Суроға: кӯчаи Нахимов 64/14, Душанбе,*
*Тоҷикистон, 734067, Почтаи электронӣ: www.tgfeu.tj)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо дар мавзуи «Такмили андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Такмили андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир ба таҳияи механизмҳои нави андоз, таҳкими ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ, татбиқи шаффофият ва самаранокӣ тавассути ҷорӣ намудани рақамикунонии равандҳо, таҳлили хатарҳои андоз ва ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ равона карда мешавад, ки ин ҳама ба рушди устувори бахши таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад

Дар ин замина, мо мушкилоти асосиро дар ҷой надоштани механизмҳои андозбандии мушаххас, яъне мавҷудияти қонунгузорӣ, вале норасоии қоидаҳои татбиқи он дар соҳаи таҳсилот, маҳдуд будани ҳамкории давлат бо муассисаҳои таҳсилот оид ба масъалаҳои андоз ва ҳамзамон мушкилоти молиявӣ, агарчанде таҳсилот самти афзалиятнок аст, маблағгузории кофӣ ва идоракунии дурусти он мушкил мебошад.

Бинобар ин, мо стратегияи такмилидиҳиро дар таҳияи Консепсияи нави андоз, таъсиси Фонди рушди таҳсилот, рақамикунонии равандҳо, ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ва назорати самаранок зарур мешуморем. Ин тадбирҳо ба баланд бардоштани сифати таҳсилот, таълими мутахассисони соҳибкасб ва рушди умумии иқтисодиёти кишвар мусоидат хоҳанд кард.

Қайд кардан ба маврид аст, ки муҳтавои автореферат дар худ ҳамаи унсурҳои зарурии сохтори диссертатсияро фарогир буда, аз рӯи таҳлили он хулоса баровардан мумкин аст, ки мазмуну мундариҷаи он ба мавзӯи интихобшуда мувофиқ мебошад. Навгониҳои илмии дар автореферат овардашуда ба таҳияи муқаррароти назариявӣ, методӣ ва тавсияҳои амалӣ, ки ба такмили андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир равона гардидааст, асос ёфтааст.

Дар баробари муваффақиятҳо дар автореферат баъзе камбудиҳо ба чашм мерасанд:

1.Ҳангоми таҳқиқи мавзӯъ муаллиф чунин мепиндорад, ки дар сурати зиёд гаштани муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар асоси худтаъминкунӣ фаъолияткунандаи тамоми зинаҳо, хароҷоти буҷети давлатӣ асосан ба самти муассисаҳои буҷетии таҳсилотӣ равона карда шуда, маблағгузорӣ низ ба маротиб метавонад афзоиш ёбад, аммо ақидаи худро ба таври зарурӣ тавзеҳ надодааст.

2. Дар расми 3 (саҳ.21) омилҳои асосии таъсиррасон ба сатҳи хавфи андозӣ таҳия гардидааст, аммо ин омилҳо тавсиф дода нашудаанд.

Бояд қайд карда, ки камбудиҳои зикр гардида хусусияти тавсиявӣ дошта, дар маҷмӯъ авторефератӣ диссертатсияи Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо дар мавзӯи хело мубрам анҷом дода шудааст.

Автореферати пешниҳодгардида ба талаботи муқаррароти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ рӯи ихтисоси ихтисоси ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз арзанда мебошад.

**Муқарриз**
**д.и.и., профессор мудири кафедраи**
**баҳисобгирии бухгалтерӣ, ДДҲБСТ** **Дадоматов Д.Н.**

**Суроғаи донишгоҳ:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Хебитат, хонаи 5, Телефон: (+992) 92856 6665, E-mail: dalerdn@mail.ru

"______" _________________________ соли 2026

*Имзои д.и.и., профессор Дадоматов Далерҷон Нишонбоевич-ро тасдиқ менамоям:*

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва**
**сиёсати Тоҷикистон, н.и.х., дотсент** **Бобоев А.Х.**

**Суроғаи донишгоҳ:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, мкр-н 17, хонаи 1, Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Телефон: (+992) 3422 23811, www.tsulbp.tj, E-mail: tsulbp@rambler.ru

"______" _________________________ соли 2026.